**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии**

**6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Аз 8 ноябри соли 2018** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** Муродов М. Б. д.и.ф., профессор (раис)
Абдуллозода М. д.и.ф., профессор (аъзои комиссия)
Азимов А. д.и.ф., профессор (аъзои комиссия)

Аъзои комиссияи ташхис диссертатсияи номзадии Бобоҷонова Мутриба Султоновнаро дар мавзӯи «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашриҳои вилояти Суғд)» муҳокима намуда, ба чунин натиҷа расиданд.

Диссертатсияи Бобоҷонова Мутриба Султоновна марбут ба таҳқиқу баррасии риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти вилояти Суғд буда, дар он масъалаҳои аносири меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ дар матбуоти даврии то истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ташаккули меъёрҳои этикаи касбӣ ва риояи онҳо дар матбуоти даврии замони истиқлол, таҳлили муқоисавии риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар нашриҳои даврии вилояти Суғд, масъалаҳои риояи этикаи касбӣ ҳангоми инъикоси ҳаёти шахсони алоҳида дар нашриҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳангоми муносибати ҳокимияти давлатӣ бо нашриҳои расмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аҳамияти мавзӯи диссертатсия, пеш аз ҳама, дар тавачҷуҳи муаллиф ба масъалаи нисбатан камтар омӯхташуда ва нишон додани паҳлуҳои норавшани он эҳсос мегардад. Омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои этикаи касбӣ, ҳамчунин, равишҳои муносибат ба меъёрҳои ахлоқӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Суғд яке аз мавзӯъҳои муҳими илм ва амалияи журналистика дар замони муосир маҳсуб меёбад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба таҳқиқи масъалаҳои риояи меъёрҳои этикаи касбии журналист дар матбуоти даврии маҳаллӣ дар мисоли нашрияҳои расмии "Ҳақиқати Суғд", "Согдийская правда", "Тирози Ҷаҳон" ва нашрияҳои ғайриҳукуматии "Сухани халқ", "Саломат бошед", "Вароруд", "Суғд", "Ҳамсояҳо", "Нилуфар" сурат гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва хоси ин нашрияҳо дар самти риояи меъёрҳои этикаи касбӣ нишон дода шудааст.

Дисертант ҳангоми тадқиқи мавзӯъ аз методҳои таҳқиқи муқоисавӣ-таҳлилӣ, оморӣ, таҳлили мавзӯӣ истифода намудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар рафти тадқиқи мавзӯъ ба усули илмӣ ва осори назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ ба мисли Д. С. Авраамов, Г. В. Лазутина, С. А. Муратов, М. И. Шостак, В. М. Теплюк, Е. П. Прохоров, В. В. Семенова, Б. Камолиддинов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Азимов, М. Муродов, Н. Солеҳов, М. Абдуллоев, М. Муқимов, Ш. Муллоев, Р. Бобоҷонова, С. Гулов ва дигарон такя намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқ, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, дар ду боб ва 4 фасл тасниф шуда, дар умум, тадқиқи муфассали масоили гуногуни меъёрҳои этикаи касбӣ ва риояи онҳо дар матбуоти даврии вилояти Суғдро фаро гирифтаанд.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дорад. Он барои таҳқиқи масоили журналистикаи муосири тоҷик аз чанд ҷиҳат судманд аст. Ин тадқиқот метавонад ҷанбаҳои назарии журналистикаро пурра

гардонида, дар тадкикотҳои минбаъда доир ба масъалаи мазкур ба ҳайси адабиёти илмӣ мавриди истифода қарор гирад. Диссертатсия барои дарсҳои Этикаи касбии журналист, Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, Таърихи журналистикаи тоҷик, хондани курси махсуси омӯзишӣ мавод медиҳад. Дар заминаи он таълифи дастури таълимӣ низ имконпазир аст. Ҳамчунин, маводи диссертатсия дар раванди фаъолияти касбии журналистони матбуот ҳамчун роҳнамо хизмат расонида метавонад.

**Хулоса**

1. Диссертатсияи Бобоҷонова Мутриба Султоновна «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд)» кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (13 адад), ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА ФР шомилгардида мебошад, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

3. Автореферати кор ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Бобоҷонова Мутриба Султоновна «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд)», ки ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия карда шавад:

– доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи ВАО ва PR-и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон Муллоев Ш. Б.;

– номзади илми филология, муовини сармуҳаррири рӯзномаи “Баҳори Аҷам” Раҳимҷонов Х. У.;

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамчун муассисаи пешбар тавсия карда шавад.

Раиси комиссияи ташхис: д.и.ф., профессор Муродов М.

Аъзои комиссияи ташхис: д.и.ф., профессор Абдуллозода М.

д.и.ф., профессор Азимов А.